## Оид ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ- экологӣ

Лоиҳаи тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ (Лоиҳа) аз ҳисоби маблағҳои грантии Ассотсиатсияи байналмиллалии рушд (АБР) ва дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ бо мақсади дастгирӣ намудани ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушд ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ тайи солҳои охир таҳия гардидааст.

Ҳадафи Лоиҳа – рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳдошти некуаҳволии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот тавассути рушд ва баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии маҳсулоти кишоварзӣ ва агробизнес иборат буда, дар доираи рушди тиҷорат барои корхонаҳои хеле хурд, хурд ва миёна (намуди нави фаъолият), маблағҳои қарзӣ ва грантҳои баробарҳиссаи пешниҳодшуда дар доираи маблағгузории иловагӣ сурат мегирад.

Манфиатгирандагони бевоситаи Лоиҳа ба шумор меравdefinition:

i.Ассотсиатсияҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои агроистеҳсолию фермерие, ки фаъолияти онҳо ба тиҷоратикунонӣ нигаронида шудааст;

ii.Муассисаҳои молиявии дар доираи Лоиҳа фаъолияткунанда;

iii.Муассисаҳои ҷамъиятӣ ва илмию таълимӣ;

iv.Соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои микро, хурд ва миёна, инчунин хочагиҳои деҳконӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти хӯрока, истеҳсолоти хурд, хизматрасонӣ, савдо ва наклиёт фаъолият менамоянд.

Дар навбати худ Лоиҳа ҳамчун замина барои маблағгузорӣ ва сармоягузории минбаъда дар амалигардии ҳамаҷонибаи Барномаи нави таҳияшудаи ислоҳоти аграрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донорҳо мусоидат менамояд. Маблағгузории иловагӣ ба васеъгардонии имконоти дастрасӣ ба маҳсулоти қарзии дастрас (омехта бо грантҳо) ва хизматрасониҳои машваратӣ бо мақсади дастгирии сармоягузорӣ ба ноҳияҳо дар сатҳи деҳот, рушди корхонаҳои микро, хурд ва миёна, баланд бардоштани истеҳсолот ва барпо намудани ҷойҳои нави корӣ равона шудааст.

Лоиҳа ду ҳадаф: оид ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва дастгирии якҷояи рушди шариконро тавассути роҳҳои зерин дастгирӣ менамояд:

i. Мусоидат намудан ба паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат бо роҳи баланд бардоштани сатҳи даромади хоҷагии фермерӣ ва барпо

намудани ҷойҳои корӣ бевосита дар давоми амалишавии лоиҳа;

ii. Таҳияи низоме (яъне беҳтар кардани имконоти технологӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркард, таъсиси низоми маълумоти бозорӣ, воситаҳои нави молиявӣ), ки мутобиқи интизориҳо, ба бенефисиарҳои нав пас аз ба охиррасии Лоиҳа фоида меоранд ; ва

iii. Дастгирии аҳолии деҳоти ноҳияҳо, ки дар сатҳи фақр қарор доранд, бо роҳи фароҳам овардани имконоти васеъ дар соҳаи кишоварзӣ, тиҷорат ва шуғл, ки тавассути баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии кишоварзӣ, даромадҳо ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ амалӣ мешаванд;

Маркази идоракунии лоиҳаҳо “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди кишоварзӣ”, ки дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои Хатти кредитии маблағгузории иловагӣ ва Барномаи грантҳои баробарҳиссаро ба бенефисиарҳои Лоиҳа тавассути Муассисаҳои молиявии дар доираи Лоиҳа фаъолияткунанда амалӣ менамояд. Инчунин барои аз худ намудани маблағгузории таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои кории нав (худиштиғолӣ) барои гуруҳҳои мақсаднок: старт апҳо барои ҷавонон (то синни 30 сола), занон ва шахсони имкониятҳояшон маҳдуд (маъюбон) дар доираи барномаи Гранти баробарҳисса мусоидат менамояд.

Яке аз самтҳо ва масъалаҳои муҳими амалисозии Лоиҳа ин - дастгирии ҳифзи муҳити зист ва ҷанбаҳои масъалаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи маблағгузории барномаҳои амалишаванда, аз ҷумла барномаҳои кредитӣ, грантҳои баробарҳисса, занҷираи азиши иловашуда ва диг. таъмини бехатарии иҷтимоӣ ва экологиро зарур меҳисобад, ки он ба муайян намудан, минимизатсия ва паст намудани оқибатҳои таъсири манфии экологӣ ва иҷтимоии зер лоиҳаҳо равона шудааст.

Чорабиниҳои асосии ба ин самт равона шуда инҳоанд:

- Баҳодиҳии иҷтимоӣ- экологии зерлоиҳаҳо дар доираи барномаҳои қарзӣ, грантҳои баробарҳисса, стартапҳо ва бизнес- инкубаторҳо;
- Таҳияи Нақшаи идоракунии ҳифзи муҳити зист барои ҳамаи зерлоиҳаҳои категорияи “В”;

- Тренингҳо –  машваратҳои таълимӣ оид ба риояи чорабиниҳои бехатарии экологӣ- иҷтимоӣ;
- Мониторинги иҷтимоӣ – экологӣ;
- Баррасии арзу шикоятҳо.
- Оид ба роҳҳои пешгирии пандемияи КОВИД -19

➢ Баҳодиҳии иҷтимоӣ- экологӣ – ин баҳодиҳии зерлоиҳаи мушаххас бо назардошти нақшаи идоракунии муҳити зист, ки бо меъёрҳои идоракунии иҷтимоӣ- экологӣ мутобиқ ҳастанд. Дар ин баҳодиҳӣ чорабиниҳо оид ба идоракунии таҳдидҳои экологӣ- иҷтимоӣ ва паст/нест кардани оқибатҳои он дар раванди амалисозии барномаҳои Лоиҳа мувофиқат ва тасдиқ карда мешаванд.

➢ Дар Тренингҳо –  машваратҳои таълимӣ оид ба риояи чорабиниҳои бехатарии экологӣ- иҷтимоӣ бо бенефисиарҳои Лоиҳа вохӯриҳо, суҳбатҳо ва машваратҳо доир карда мешавад. Аз ҷумла, боҳо оид ба тезобмонӣ, эрозияи хок, шӯршавӣ, рехтани поёноб ба каналу ҷӯйҳою обанборҳо, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, ботлоқшавии замин, талафот ҳангоми ҳамлу нақли нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо ба воситаи нақлиёт боиси ифлосшавии муҳити зист, махсусан, обу хок гардида, ба саломатии инсон таъсири калон мерасонанд. Сабабгори рушди касалиҳои гуногун мешаванд. Ҳамзамон ба самъи онҳо расонида мешавад, ки бо дарназардошти ифлос накардани хоку об ва муҳити зист деҳқонро зарур аст, ки миқдори истифодабарии нуриҳои маъданӣ,  пестисидҳоро кам карда, истифодаи усулҳои биологии ҳифзи растаниҳо, препаратҳои биологӣ, нуриҳои органикӣ, инчунин гузариши мунтазам ба истифодаи заминдории органикиро ба роҳ монанд.

➢ Дар раванди мониторинги иҷтимоӣ- экологӣ мушовирони муттасаддии Лоиҳа ба минтақаҳо сафар намуда, бо рафти фаъолияти бенефисиарҳо аз наздик шинос мешаванд. Доир ба мақсаднок истифода шудани маблағҳо, риояи талаботҳои иҷтимоӣ – экологӣ дар рафти корҳои истеҳсолӣ, коркард, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ назорат мебаоранд ва тавсияҳою машваратҳо медиҳанд.

➢ Бо мақсади ташкил кардани корҳои робитавӣ ва таъмини шаффофияти барномаҳои амалишавандаи Лоиҳа ва муносибатҳои мутақобила байни баҳрагирандагони он аз тарафи МД “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди кишоварзӣ” Механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳодҳо (МБАШ) амалӣ мегардад.

Дар доираи МБАШ- и амалишаванда дар  Маркази татбиқи лоиҳаи назди Вазорати ҶТ, аз тарафи Лоиҳа варақаҳо барои қабули арзу пешниҳодот аз ҷониби бенефисиарҳо таҳия шудааст. Дар он маълумоти кутоҳ оиди Лоиҳа, рақамҳои телефонӣ барои тамос, суроғаи электронӣ нишон дода шудаанд.

Варақаҳо ба тариқи зайл ба бенефисиарҳо тақсим карда мешаванд:

- Тавассути Муассисаҳои молиявии дар доираи Лоиҳа фаъолияткунанда: МДО «ХУМО», МДО «Арванд» ва МДО «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ». Муттахассисони  қарзии бонкҳо ба баҳрабарандагони Лоиҳа варақаҳои иттилоотии МБАШ;
- Агентиҳои рушди тиҷорат: ТҶ “Латиф”, ТҶ “Пешсаф” ва ТҶ “Агро сервис консалтинг”, ки бо шахсоне барои рушди тиҷорати худ ҳамкорӣ менамоянд;
- Мушовирон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист дар вақти сафарҳои корӣ, вохӯриҳо дар минтақаҳои кишвар;

Инчунин барои муфассалтар шинос намудани тартибу қоидаҳои баррасии арзу пешниҳодот дар Лоиҳа брошюраи “Механизми баррасии муроҷиатҳо” таҳия шудааст ва он низ тавассути механизми боло навишта шуда ба баҳрабарандагон тақсим ва фаҳмонида мешавад (Варақа ва брошюра замима мешаванд).

- Бо мақсади пешгирӣ ва профилактикаи пандемияи КОВИД-19 Лоиҳа дар раванди амалисозии барномаҳои худ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва иттилоотиро бо мақсади ҳифзи саломатии баҳрабарандагон ва дар умум ҷомеа доир менамояд. Бо ин мақсад Лоиҳа буклети иттилоотӣ, плакатҳои бо расмҳо барои пешгирии ин бемориро таҳия намуда, ба баҳрабарандагон тақсим менамояд (Замима мешавад). Инчунин дар раванди вохӯриҳо барои доир намудани мини- семинарҳо бо бенефисиарҳо модули тренинг таҳия шудааст.

- **Дар раванди амалӣ шудани ҳамаи барномаҳои Лоиҳа масъалаи ҷалб намудани занҳо, дастгирӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи онҳо** вобаста ба фаъолияти онҳо дар соҳаи кишоварзӣ мақоми хосаро ишғол менамояд.

Аз он ҷумла имконоти таълими алоҳидаи занон – манфиатгирандагон (ҳамчунин мардони хоҳишманд) ба сифати гуруҳҳои мақсаднок, ки нигоҳубин ва таъмини хурокаро дар хонаводаи худ ба дӯш доранд, пешбинӣ шудааст. Дарсҳои омӯзишӣ мавзӯи таъмини ғизои босифат дар хонаводаро дар бар мегиранд. Бо ҳамин мақсад силсилаи барномаи **“Истеҳсол ва нигаҳдории маҳсулотҳои хӯрока (маҳсулоти кишоварзӣ) барои истеъмол ва гуногунии он”** доир карда шудааст. Ҳадафи асосии ин барнома - ҳифзи саломатии модару кӯдак, аъзоёни хонаводаҳои онҳо бо роҳи беҳтаркунии ғизо мебошад. Барои истеҳсол ва нигаҳдории маҳсулоти хӯрока аз заминҳои наздиҳавлигӣ, ба хонаводаҳои интихобшуда тавсия дода мешавад, ки нуриҳои минералӣ ва тухмиҳои хушсифат дастрас намоянд. То ин ки заминҳои наздиҳавлигиро самаранок истифода намуда, маҳсулоти ғизоӣ, ки аз витамини тару тоза бой мебошад, истеҳсол намоянд. Барои баланд бардоштани малакаи дониши гуруҳҳои мақсадноки интихобшуда, дар самти парвариши зироатҳои кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ аз заминҳои наздиҳавлигӣ, нигоҳдории маҳсулоти хӯрока ва тайёр намудани ғизои иловагӣ барои кӯдакон ва калонсолон дар ноҳияҳои гуногуни мамлакат омӯзишҳо гузаронида шуданд.